## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории Вализода Ҳокимхон Сафолиён "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст.

Илми забоншиносӣ таърихи бисёрҳазорсола дошта, дар кишварҳои гуногун марҳилаҳои гуногуни таърихиро паси сар кардааст. Афкори забоншиносии мутафаккирони барҷастаи тоҷик зимни масоили гуногуни фалсафӣ, мантиқ, каломи бадеъ, адабиётшиносӣ, таърихи афкори адабӣ, фарҳангнигорӣ, таълифи дастурҳои забони арабӣ баён гардида, ба вижагиҳои савтӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва луғавии забони тоҷикӣ ва форсӣ аз дидгоҳҳои мухталиф равшанӣ андохтаанд.

Аз нимаи дуюми асри XIX таваҷҷуҳи шарқшиносон ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва форсӣ бештар гардида, ба таълифи дастурҳои забони форсӣ шуруъ карданд ва дар ин кор усулу назарияҳои дастурнависии забонҳои аврупоӣ ба кор бурда шудаанд, ки тамоили нави илмӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ ва форсиро ба вуҷуд овард. Таҳқиқи масъалаи мазкур барои муайян намудани заминаҳои рушди забоншиносии тоҷик аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" дар сайри таърхии забоншиносӣ мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявиву амалӣ мебошад.

Диссертатсия дар асоси манбаъҳои муътамади забоншиносӣ, китобу мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, китобҳои таълимӣ ва ғайра таълиф гардида, пойгоҳи васеъи иттилоотӣ дорад. Муаллифи диссертатсия давраҳои рушди забоншиносиро бо дарназардошти сатҳи инкишофи ин соҳаи илм мавриди таҳлил қарор додааст. Зимни таҳқиқу таҳлил омилҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккули забоншиносии тоҷик аз нимаи дуюми асри XIX ва то солҳои 70-уми асри XX вобаста ба омилҳои таъсиргузор муайян карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки муаллифи диссертатсия асосҳои назариявии афкори забоншиносиро таҳлил намуда, дар заминаи он ташаккули забоншиносии тоҷикро дар давраи таҳқиқ вобаста ба рушди соҳаҳои забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар диссертатсия ба мафҳуми забоншиносии навини тоҷик равшанӣ андохта шуда, тафовути он аз марҳилаҳои қаблии забоншиносӣ нишон дода мешавад. Инчунин

дар таҳқиқи ба масъалаи марҳилаи забоншиносии пешазинқилобӣ ва тафовути он аз марҳилаи баъдазинқилобӣ низ равшанӣ андохта шудааст. Масъалаҳои мубоҳисавии солҳои 20-ум ва 30-уми асри XX оид ба забони адабӣ ва рушдиояндаи он дар диссертатсия мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шуда, нақши донишмандони ҷудогона таҳти сарварии устод С. Айнӣ арзёбӣ шудааст. Инчунин марҳилаҳои дуюму сеюми рушди забоншиносии тоҷик, васеъ гардидани афкори назариявии забоншиносӣ, саҳми донишпажуҳону забоншиносон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои забони тоҷикӣ мавриди арзёбии васеъи илмӣ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таърихи забоншиносии тоҷик дар тули беш аз сад сол ба сурати яклухт бо истифодаи манбаъҳои гуногуни илмиву таълимӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Марҳилаҳои инкишофи он бо дарназардошти бурду бохти он дар ҳар давра, васеъ гардидани мавзуъ ва муҳтавои он муайян шудааст. Таваҷҷуҳи диссертант ба инкишофи ду давраи инкишофи афкори забоншиносӣ: давраи то Инқилоби Октябр ва пас аз Инқилоби Октябр нигаронда шуда, бо далелҳои фаровон тасниф карда шудааст. Бори нахуст нақши донишмандони забоншинос дар солҳои 20-ум ва 30-уми асри XX, ки як марҳилаи ҳассос ва калидӣ дар таҳаввули забони тоҷикӣ мебошад, баррасӣ гардидааст. Дар диссертатсия саҳми забоншиносони тоҷик дар марҳилаҳои минбаъда аз рӯйи масъалаҳои гуногун муайян гардида, нақши онҳо дар рушди афкори забоншиносӣ нишон дода шудааст. Инчунин омилҳои инкишофи забоншиносӣ, рушди соҳаҳои гуногуни он, таҳқиқи амиқи масъалаҳои забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ дода шудааст.

Диссертасия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводди асар ва таҳлилу хулосаҳои он дониши моро дар бораи таърихи зиёда аз 100 солаи забоншиносии тоҷик васеъ намуда, масъалаҳои калидии онро ошкор месозанд. Таҳқиқ барои коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ мусоидат намуда, ба печидагиҳои рушди забон ва таҳқиқи он диққати муҳаққиқонро ҷалб месозад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки ҷараёни ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он, ки дар асоси маводди фаровон муайян карда шудааст, барои мукаммал гардидани таърихи ташаккули забоншиносии тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар замони соҳибистиқлолии кишвар ва таҳияи китобу дастурҳои таълимии зинаҳои гуногуни таълим, дастури ҷомеи забони тоҷикӣ ва

хондани курс-семинарҳои тахассусӣ метавон мавриди истифодаи васеъ қарор гирад. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифу тадвини дастурҳои таълимӣ, методӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба таърихи забоншиносии тоҷик истифода бурд. Он ҳамчунин, ба донишҷӯён, магистрантону докторантон дар раванди таълифи рисолаҳои хатм, магистрӣ ва доктор PhD мавриди истифода қарор дода мешавад. Сохтори диссертатсия вобаста ба мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 360 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX"** ном дошта, фарогири панҷ фасл буда, ба таҳқиқот ва китобҳои таълимии нимаи дуюми асри XIX бахшида шудааст.

Дар фасли якуми ин боб масъалаи ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр арзёбӣ мегардад. Муаллиф қайд мекунад, ки таърихи ташаккули забоншиносии навини тоҷик, ҳарчанд дар замони шуравӣ, аниқтараш, дар солҳои 20-30-юми асри XX шакл гирифта бошад ҳам, шуруи он ба нимаи дуюми асри XIX тааллуқ дорад. Дар Русия дар марказҳои калонтарини он, мисли Санкт-Петербургу Москва ва чи шаҳрҳои дигару музофотҳо, ба мисли Қазону Харков таълими забони форсӣ ба роҳ монда шуда, ҳануз аз ибтидои асри XIX дастурҳои роҳнамо ва китобҳои дарсӣ ба нашр мерасанд, ки дар ин давра забоншиносии рус низ ҳамчун илми мустақил шинохта шуда, то ҷое шакл гирифта буд, ки дар ин бобат хидмати асосгузорону намояндагони мактабҳои забоншиносии Санкт-Петербург, Москва ва Қазон хеле калон аст. Дар диссертатсия асосҳои забоншиносии мазмуну мундариҷаи нахусти китобҳои таълимӣ оид ба забони форсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Инчунин дар фаслҳои алоҳида масъалаҳои ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба афкори забоншиносӣ, китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо, тадвини фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо, ҳамроҳшавииии Осиёи Миёна ба Русия ва таъсири афкори забошиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик бо истифодаи манбаъҳои муътамади илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Боби дуюм **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX"** ном дошта, дар 2 фаслу 10 зерфасли он масъалаҳои муҳимми забошиносӣ ва ташаккули забони тоҷикӣ баррасӣ шудаанд.

Яке аз баррасиҳои мураккаб ва печидаи ин давра "Мубоҳисаҳо атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо" мебошад, ки фасли аввал ба он бахшида шудааст. Дар баробари ин дар боби мазкур мавзуъҳои саҳми донишмандон, адибону рӯзноманигорон дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, Садриддин Айнӣ ва нақши ӯ дар рушди забоншиносии навини тоҷик, Турақул Зеҳнӣ ва саҳми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик, Сайидризо Ализода ва афкори забоншиносии ӯ, Раҳим Ҳошим ва ҷойгоҳи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, Абдурауф Фитрат ва саҳми ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, Абдулвоҳид Мунзим ва нақши ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, Баҳриддин Азизӣ ва мавқеи ӯ дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX, Бектош (Нарзулло Ҳайдарӣ) ва масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик, Баҳром Ҳоҷизода ва афкори забоншиносии ӯ, Ҳомид Бақозода ва мақоми ӯ дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик баррасӣ гардида, ҷойгоҳи донишмандони зикршуда дар ин давраи мураккаби таҳаввули забони тоҷикӣ аз назари илмӣ нишон дода шудааст.

Дар боби сеюм **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40-50-уми асри XX"** осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин давра баррасӣ гардидааст. Осори илмии Лутфулло Бузургзода, Абдусалом Деҳотӣ, Абдулғанӣ Мирзоев мавриди таҳлил қарор гирифта, саҳми онҳо дар омӯзиши масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Боби чорум **"Масъалаҳои забоншиносии тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX"** ба таҳлили осори илмии муҳаққиқони забоншинос ва инкишофи соҳаҳои нави забоншиносии тоҷик бахшида шудааст. Диссертант фаъолияти забоншиносии Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов, М. Шукуровро таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар баррасии илмии ҷанбаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, ғанӣ намудани афкори забоншиносӣ ва такон бахшидан ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни забони тоҷикӣ таъкид мекунад.

Боби панҷум **"Андешаҳои муҳаққиқони забоншинос дар солҳои 70-уми асри XX"** унвон дошта, марҳилаи ҷамъбастии натиҷаи таҳқиқро дар бар мегирад. Муаллифи диссертатсия нақши ҳар як забоншиносро дар таҳқиқи мушкилоти масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ махсус баррасӣ мекунад. Аз он ҷумла, саҳми Д. Тоҷиев дар таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб, Р. Ғаффоров (шевашиносӣ), Ш. Рустамов (калимасозӣ), А. Эшонҷонов (масъалаҳои наҳв), М. Қосимова (таърихи забони адабӣ), С. Ҳалимов (таърихи забони адабӣ), М. Исматуллоев (таҳқиқи ҳол), Ф. Зикриёев

(маъалаҳои наҳв), Ҳ. Маҷидов (фразеология), Б. Камолиддинов (услубшиносӣ), А. Мирзоев (ибора)-ро нишон додааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар 22 банд ҷамъбаст гардидааст. Тавсияҳои амалии таҳқиқ аз 10 банд иборат буда, тибқи қойида ва хулосаҳои мантиқӣ тартиб дода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои илмии конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидааст.

Диссертатсияи мазкур, бидуни шак дорои дастовардҳои назарраси илмӣ мебошад. Аммо ногуфта намуонад, ки он аз баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва камбудҳо низ орӣ нест, ки зикри чанде аз онҳоро ҷоиз медонем:

1. Хуб мешуд, агар дар ҳар фасл осори забоншиносон дар самтҳои гуногун якҷоя таҳлил мегардиданд. Масалан, Ш.Рустамов дар бахши наҳв корро оғоз карда буданд, баъд ба таҳқиқи исм ҳамучун ҳиссаи мустақили нутқ гузаштанд, калимасозӣ як бахши кори эшон дар самти исм аст. Ҳамаи ин дар як фасл бо таҳлили асару мақолаҳои дигари эшон оварда мешуд. Ҳамин тарзи таҳлил нисбат ба дигар забоншиносони солҳои 60-ум ва 70-ум низ анҷом дода мешуд. Асарҳои нашршудаи онҳо алоҳида таҳлил мешуданд.
2. Хуб мешуд, ки оид ба рушди самтҳои забоншиносии тоҷик аз солҳои 60-уму 70-ум дар фаслҳои алоҳида маълумот дода мешуд: Таҳқиқи масъалаҳои забони адабӣ: вожашиносӣ, сарфу наҳв, таҳқиқи забон ва услуб, вижагиҳои забонии осори адибони гузашта ва муосир, услубшиносӣ, таърихи забони тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, шевашиносӣ, таърихи забоншиносӣ (афкори забоншиносии мутафаккирони форсу тоҷик), таҳқиқи муқоисавӣ ва типологии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо) ва ғайра.
3. Баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дар автореферат ба назар мерасанд (с.26, 65, 87).

Диссертатсияи доктории Вализода Ҳокимхон Сафолиён "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" дар заминаи маводди фаровони назариявӣ ва осори илмиву таълимии зиёда аз садсола таълиф гардида, як асари мукаммали таҳқиқӣ оид ба таърихи забоншиносии тоҷик мебошад ва он дорои аҳаммияти назариявиву амалӣ мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён таҳти унвони "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. – Назарияи забон сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
сарходими илмии шуъбаи забонҳои помирии
Институти илмҳои гуманитарии ба номи
академик Б.Искандарови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, пофессори кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ
"24" августи соли 2026

**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хоруғ, к.М.Карамшо, 266-3.
Тел.: 93 180 04 70 E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Офаридаевро Назриро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б. Искандарови АМИТ З.Искандаршоева
"24" августи соли 2026

**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. У Холдоров, 4.
Тел.: 93 180 04 70. E-mail: nazri53@mail.ru